«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
______________Қурбонзода М. Р.
«___»______________ 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – кафедраи таърихи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ба диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 9-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърихи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05.11.2024 с. Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсияи унвонҷӯ Абдусаматов Бекбобо Бурихонович муассисаи пешбар таъин гардида буд.

Диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар доираи нақшаи панҷсолаи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба

номи Носири Хусрав  № 5, аз 4 декабри соли 2024 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 1 нафар доктори илмҳои таърих, 5 нафар н.и.т., дотсент, инчунин 5 омӯзгор, унвонҷӯёни кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, Ҷалилов Маҳмадулло Шамсилоевич омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсия дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба ихтисоси 6D020302-Таърихи умумӣ мутобиқати пурра дорад.

**Мубрамии мавзуи** диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки то имрӯз дар таърихи умумӣ оид ба вазъияти сиёсӣ низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992-2001 таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Баробари ин Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали раиси ҳукумат инитхоб гардиданаш дар ҳар як баромадҳои худ чи дар дохил ва чи дар хориҷ ва инчунин дар конфронсҳои байналмилалӣ  ва минтақавӣ аз хатари ҷой доштани терроризм дар хоки Афғонистон ҷомеаи байналмилалиро ҳушдор дода, баҳри мубоозаи дастаҷамъона бар зиди терроризм ва экстремизм даъват намудааст, ки ин ҳам мубрамии мавзуи диссертатсионии Абдусаматов Бекбобо Бурихоновичро нишон медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муаллиф мақсади таҳқиқоти мазкурро дар омӯзиш ва инъикоси вазъи сиёсӣ-низомӣ ва мушаххас

намудани мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва паёмадҳои он барои минтақа мебинад.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсиониро вазъи низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқот** вазъияти низомӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1992–2001, ихтилофи байни гурӯҳҳои исломгаро ва бархӯрдҳои мусаллаҳона байни онҳо мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертасионӣ** аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои вазъияти низомӣ-сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 таҳқиқ гардидааст. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар аз вазъияти низомию сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992 - 2001 мебошад.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти диссертатсияро** усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда – таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, масъалагузорӣ, шаффофият ва беғаразӣ дар асоси факту далелҳо ташкил медиҳад.

**Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳамияти он.** Муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, матлабҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмиву амалӣ ва семинарҳои назариявӣ саҳмгузор мебошад.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, номгӯи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи манбаъвии кор, доираи хронологӣ, объект ва предмет, муқарраароти ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқ, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Ба қудрат расидани аҳзоби исломии мухолиф дар Афғонистон ва паёмадҳои он» ном дошта аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал “Заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло” заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло аз рӯйи манбаъҳои хаттии таърихи муаллифони охири асри XX ва аввали асри XXI, ки ҳангоми баррасии мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор додаст, таҳлил гардидааст.

Зербоби дувуми боби якум «Ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи мухолифони исломӣ ва ташкили Давлати исломии Афғонистон (ДИА)» унвон дорад. Муаллиф дар ин зербоб ба таҳлил ва таҳқиқи осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ алоқаманданд, истифода намуда маълумотҳои муътамадро барои омӯзиш қарорр додааст. Диссертант ҳангоми таҳлили ин мавзуъ асарҳои таҳқиқотиро аз рӯйи мавқеи ҷуғрофии муаллифон ба се гурӯҳ ҷудо карда, дар бораи онҳо маълумот додааст ва қайд намудааст, ки бо вуҷуди омӯзиши он аз ҷониби донишмандони ҷаҳон ин мавзуъ ҳанӯз печидагиҳое дорад, ки ниёзманди як таҳқиқи ҷудогонаи таърихӣ буд, ки онро Абдусаматов Бекбобо Бурихонович анҷом додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Ихтилофҳо байни гурӯҳҳои сиёсию низомии исломӣ ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввали боби дуюм «Шиддат гирифтани мухолифат байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ:

сабабҳо ва паёмадҳои он» номгузорӣ гардида, дар он ихтилофҳо миёни ҳизбу ҳаракатҳо, гурӯҳҳои низомӣ инчунин шиддат гирифтани ихтилофҳо миёни ин гурӯҳҳо, омилҳои дохиливу хориҷӣ ва пайёмадҳои он дарҷ гаридааст, ки он аз тарафи диссертант таҳлили илмии худро ёфтааст.

Зербоби дувуми боби дувум «Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ» унвон гирифта ба омӯзиши раванди таҳаввулоти сиёсии нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX Афғонистон бахшида шуда, сабабҳо ва омилҳои таъсиргузор ба ташкили давлати мутамарказ аз дидгоҳи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҳлил гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия «Зуҳур ва ташаккули ҳаракати «Толибон»» аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он «Омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракати «Толибон»» таҳлили таърихи тавлиди ҷараёни нави радикалии афғонӣ, ба сари ҳокимият омадани ҳаракати «Толибон» омилҳои дохилӣ ва хориҷии он аз дидгоҳи нав бо сабку услуби хоси таърихӣ аз ҷониби диссертант таҳқиқ гардидааст.

Зербоби дувуми боби сеюм «Андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии «Толибон»» ном дошта ба омӯзиш ва баррасии раванди ташаккули ҳаракати «Толибон» ва фаъолияти минбаъдаи онҳо, ки ният доштанд, дар заминаи афкори динӣ давлат (Аморати исломӣ) таъсис диҳанд. Моҳияти масъаларо диссертант хуб омӯхта ин равандро бо тамоми ҷузъиёташ таҳлил кардааст.

Дар зербоби сеюми боби савум «Шаклгирии муқовимат бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ» номгузорӣ гардидааст, ки дар он бо тарзу усулҳои асримиёнагӣ идораи давлатро ба роҳ монданд. Зулму истибдоди «Толибон» нисбати мардум ва ҷомеаи ҷаҳонӣ вусъат пайдо кард, ки зиёди онҳо ҷиҳати намоишкорӣ дошта, мехостанд аҳли ҷомеаро ба даҳшат афкананд, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки докторант (PhD) -и дар таърихнигории умумӣ бори нахуст шуда, оид ба мавзуи мазкур дар шакли мукаммал таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, хулосаҳои мушаххаси илмӣ пешниҳод намудааст, ки аҳаммияти муҳими илмӣ доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосхо ва самтхои илм, ки аз рун онхо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302- Таърихи умумӣ) дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ мутобиқати пурра дорад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ оид ба диссертатсия худ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯйи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия тарзи идоракунии Толибон дар солҳои 1996-2001 бо тарзи идоракунии давраи дуюми сари қудрат омадани Толибон дар Афғонистон (2021 – то ҳозир) муқоиса ва таҳлил нагардидааст.
2. Дар диссертатсия ба масъалаи нақш ва манфиатҳои Ҷумҳурии мардумии Чин ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Афғонистон диққати ҷиддӣ дода нашудааст.
3. Дар ҳақиқат диссертатсия аз нуқтаи назари илмӣ дорои мазмуни баланд мебошад, аммо баробари ин агар муаллиф аз маъхазҳои дасти аввали Афғонистон васеътар истифода мебурд, аз нигоҳи дақиқияти маълумот сифати кор боз баландтар мегардид.
4. Дар бархе саҳифаҳои диссертатсия нишондоди адабиёту сарчашмаҳои истифодашуда дар повароқҳо (саҳ. 38, 57, 69, 70, 76) ба талаботи техникии тартиб додани корҳои илмӣ мувофиқ нестанд.
5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он камбудиҳои услубӣ, грамматикӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Аммо эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори диссертатсионии Б. Б. Абдусаматов таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба талаботи бандҳои 31 – 33, 34, 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз тарафи номзади илмҳои таърих, дотсент Баротов Маҳмашариф Юсуфович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири

Хусрав баррасӣ ва дар маҷлиси ҳамин кафедра ҷонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз – 11 нафар иштирокчиён: тарафдор – 11 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

(Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 5, аз 4 декабри соли 2024).

**Раиси ҷаласа,**
**и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав**
**номзади илмҳои таърих:** **Ҷалилов Маҳмадулло Шамсилоевич**

**Ташхисгар,**
**саромӯзгори кафедраи таърихи умумии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав,**
**номзади илмҳои таърих** **Баротов Маҳмашариф Юсуфович**

**Котиби ҷаласа:** **Абдуллоев Ҷовидон Файзуллоевич**

Имзоҳои Ҷалилов М.Ш., Баротов М.Ю.
ва Абдуллоев Ҷ.Ф. -ро тасдиқ мекунам:

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав, дотсент:** **Исозода Тоҷиддин Исо**

**Маълумот барои тамос:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ, 67, МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»
тел: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
htt: // www.btsu.tj. E-mail: btsu78@mail.ru

«05» 12 соли 2024